Гуфтан лозим аст, ки оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳам мусбат ва хам манфӣ хусусиятҳои хоси минтақавӣ доранд. Бинобар ин омӯзиши масъалаи таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба инкишофи бозори минтақавии меҳнат мароқовар аст. Мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистон дар назди вилояти Суғд имрӯз дилеммаи зерин қарор дорад: аз як тараф, маҳдуд намудани маҷрои муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад дар натиҷаи афзоиши сарборӣ ба иқтисодиёт аз ҷониби теъдоди калони бекорон ва паст шудани даромади сарикасии аҳолӣ боиси таназзули иқтисодӣ гардад; аз тарафи дигар, иқтидори иқтисодии ба гардиш воридкардаи вилоят дар марҳилаи ҷорӣ алҳол иштиғоли захираҳои меҳнатиро дар ҳаҷми матлуб таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, ба равандҳои муҳоҷиратӣ ворид сохтани қувваи корӣ табиӣ ба ҳисоб меравад ва ба коҳиши ташаннуҷ дар бозори минтақавии меҳнат мусоидат мекунад.

Гуфтаҳои боло зарурати тадқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи бозори минтақавии меҳнатро бо назардошти таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ муайян мекунад, то самти ҳалли зуҳуроти манфии иқтисодиёти бозорӣ, аз ҷумла бекорӣ, қашшоқӣ, камбизиотӣ ва дигар норасоиҳо дар бобати омодасозии кадрҳои баландихтисос муайян карда шавад.

Чунин ҳолат таҳлили муфассали масоил ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳоро бо назардошти манфиату мақсадҳои инкишофи ҳар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад.

Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия. Дар адабиёти иқтисодӣ ҳаҷми бақадри кофӣ ҷиддии донишҳои назариявии бунёдӣ оид ба танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷиратӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла масоили мазкур дар муносибатҳои консептуалии мактабҳои классикӣ, кейнсгароӣ, классикии навбаромад, кейнсгароии навбаромад, марксистӣ ва институтсионалии назарияи иқтисодӣ инъикос ёфтаанд.

Дар ин самт махсусан асарҳои А.Смит, Ҷ.М. Кейнс, М. Фридмен, К. Маркс, В.И. Ленин, К.П. Макконнелл, С.Л. Брю, Е.Г. Равенштейн, А. Люис, Ҷ. Харрисро таъкид кардан зарураст, ки инкишофи консепсияҳои муосири бозори меҳнатро муайян кардаанд.

Ҷанбаҳои иқтисодию ташкилӣ ва назариявии муҳоҷират дар асарҳои олимони ИДМ, аз ҷумла Ионсева В.А., Ивахнюк И.В., Каменская А.Н., Монсенко В.М., Рибаковский Л.Л. мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Ҷанбаҳои иҷтимоии муҳоҷиратро Рязансев С.В., Метелев С.В., Ушак И.Т., Юдина Т.Н. омӯхтаанд. Масоили танзими давлатии муҳоҷиратро Воробёва С.Д., Делягин М., Похлебаева А.В. ва дигарон таҳлил кардаанд.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масоили муҳоҷирати аҳолӣ дар бозори миллии меҳнат аввалин шуда, аз тарафи Қоситов О.К. ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Хусусиятҳои инкишофи раванди муҳоҷиратро дар минтақаҳои дорои суръати баланди афзоиши аҳолӣ Исломов С.И. Улмасова Р.У., инчунин муҳоҷиратро дар сохтори муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ Умаров У.А. ва Азимов А.Ҷ. баррасӣ намудаанд. Аспектҳои алоҳидаи рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар корҳои зиёди олимон - иқтисоддонҳои ватанӣ, аз ҷумла, Бойматов А.А., Бобоҷонов Д.Д., Ғозибеков С.А., Комилов С.Ҷ., Ризоқулов Т.Р., Шарифзода М.М., инчунин Акрамова З.Б., Артиков А.А., Бобоев А.А., Заурбеков С.К., Кабутов М.К., Мукимова Н.Р. ва ғайраҳо таҳқиқ шудаанд.

Ҳарчанд тадқиқот дар соҳаи бозори меҳнат бисёр бошад ҳам, таҳқиқи нисбатан системавӣ ва маҷмӯавӣ доир ба масъалаҳои рушди бозори меҳнат вобаста ба минтақаҳои алоҳида бо назардошти таъсири ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар илми иқтисоди ватанӣ қариб вуҷуд надорад, ки ин мубрамият ва саривақтии тадқиқоти мазкурро муайян кардааст.

Мақсади диссертатсия тадқиқи таъсири муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ ба рушди бозори минтақавии меҳнат, ҳамчунин коркарди тадбирҳо оид ба такмили танзими он дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- омӯхтани муносибатҳои илмии мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ба тадқиқи масоили бозори меҳнат;
- ошкор сохтани механизмҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаи дорои қувваи баризофаи меҳнатӣ дар бозори меҳнат;
- таҳлил намудани сохтор ва хусусиятҳои бозори меҳнат дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар раванди танзими бозори меҳнат;
- ошкор сохтани омилҳое, ки ба инкишофи муҳоҷирати меҳнатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд ва дар асоси онҳо муайян кардани воситаҳо ва механизмҳои танзими муҳоҷират;
- асоснок кардани зарурати тасҳеҳи сиёсати муҳоҷиратӣ ва сиёсати иштиғол ва пешниҳод кардани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани онҳо;

Объекти тадқиқот маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад, ки бо ташаккул ва инкишофи бозори минтақавии меҳнат таҳти таъсири мутаҳаррикии маконии қувваи корӣ марбутанд.

Предмети тадқиқот муҳоҷирати қувваи корӣ дар низоми омилҳои таъсир ба бозори минтақавии меҳнати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Асоси назариявию амалии диссертатсияро корҳои назариявии намояндагони мактабҳои мухталифи иқтисодӣ, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар соҳаи танзими давлатии бозори меҳнат ва маҷроҳои муҳоҷиратӣ ташкил мекунанд.

Ба асоси тадқиқот муносибатҳои системавӣ ва диалектикӣ гузошта шудаанд. Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда усулҳои мухталиф, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодию оморӣ, абстраксияи илмӣ, синтез истифодашудааст.

Асоси иттилоотии тадқиқи диссертатсиониро маводҳои омори байналхалқию миллӣ ва интишороти мақомоти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои монографию даврӣ оид ба мавзӯи мавриди тадқиқ ташкил карданд.

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи муносибати комплексӣ ба амалкарди бозори минтақавии меҳнат таҳти таъсири равандҳои муҳоҷиратӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон зоҳир мешавад.

Аз ҷумла, ба унсурҳои навгонии илмӣ мансубанд:

- муносибатҳои назариявӣ ба танзими иштиғол ва муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақаҳои дорои қувваи баризофаи меҳнатӣ ҷамъбаст карда шудаанд. Дар ин асос мафҳуми бозори минтақавии меҳнат чун низоми ҳудудию маконӣ аниқ карда шудааст, ки маҳдудияти маъмурию ҷуғрофӣ дорад ва дар чаҳорчӯбаи он муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ оид ба танзими иштиғоли аҳолӣ вобаста ба мушаххасоти таърихӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, этникӣ ва мушаххасоти дигар, ки ба минтақа хосанд, ташаккул меёбанд.
- исбот карда шудааст, ки муҳоҷирати берунӣ чун индикатори фаровонии бозори минтақавии меҳнат таъсири мутақобилаи онҳоро инъикос мекунад. Дар ин қарина самти таъсири муҳоҷират мусбат ё манфӣ буда метавонад. Ба таъсири мусбат мансубанд: коҳиши ташаннуҷ дар бозори минтақавии меҳнат; ҳавасмандгардонии такмили ихтисоси коргарон; беҳтар шудани сатҳи ҳаёт; васеъ шудани ҷаҳонбинии шахсият; афзоиши талаботи умумӣ; баланд шудани фаъолнокии аҳолӣ. Ба таъсири манфӣ мансубанд: таназзули арзишҳои миллию фархангӣ; халалдор гаштани муносибатҳои оилавӣ, афзоиши шумораи бемориҳои мухталиф; талафи захираҳои меҳнатӣ ва «фирори ақлҳо»;
- исбот шудааст, ки бозори меҳнат дар вилояти Суғд ба категорияи минтақавии дорои қувваи баризофаи меҳнатӣ мансубаст, ки дар онҳо бартарияти захираҳои озоди қувваи корӣ аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолӣ, амиқ гардидани номутаносибии байни пешниҳодоту талабот ба меҳнат ба

сабаби оқибтаҳои стагнатсия дар соҳаҳои пешбари иқтисодиёт, сатҳи пасти ҳавасмандгардонии меҳнат ва тараққӣ накардани бахши соҳибкорӣ дар минтақа ба даст меояд. Мудаллал карда шудааст, ки ҳамаи омилҳои мазкур ҳамзамон ҳамчунин заминаи афзоиши муҳоҷирати берунии меҳнатӣ баҳисоб мераванд;

- асоснок карда шудааст, ки муҳоҷирати берунаи меҳнатии аҳолӣ яке аз механизмҳои афзалиятдоштаи коҳиши ташаннуҷи бекорӣ дар вилояти Суғд мебошад. Қимати коэффисиенти ҷуброни муҳоҷиратӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд ҳисоб ва асоснок карда шудааст, ки он дорои аҳамияти калон буда, он нуктаро собит месозад, ки ғайр аз ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон дар ноҳияҳои дигари вилоят масъалаи бекорӣ асосан аз ҳисоби муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ ҳаллу фасл мешавад;
- амсилаи иқтисодию математикӣ коркард шудааст, ки дар он нуктаи зайл собит гардидааст: динамикаи мусбати муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ дар вилояти Суғд беш аз ҳама ба ҳолатҳои қашшоқӣ ва теъдоди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии минтақа ҳассос аст. Аҳамияти амсила бо он мулоҳиза асоснок гардидааст, ки дар минтақаи вилояти Суғд масъалаи қашшоқӣ то ҳол муҳим мебошад ва эҳтимоли бекор мондани қисми назарраси дастпарварони мактабҳои олӣ хеле баланд аст.
- самтҳои аз ҳама ояндадори такмили тадбирҳо оид ба танзими иштиғол ва муҳоҷират дар бозори минтақавии меҳнат муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, зарурати ворид сохтани тасҳеҳот ба соҳаҳои маориф, буҷету андоз, муҳоҷират ва иттилоот ошкор карда шудааст.

Аҳамияти назариявию амалии кор. Аҳамияти амалии кор дар он аст, ки натиҷаҳои тадқиқотро дар такмили сиёсати минтақавии муҳоҷиратӣ, сиёсати давлатии иштиғол дар минтақаҳои алоҳида, дар фаъолияти амалии хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмҳои минтақавии он истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои тадқиқот дар раванди тадриси фанҳои иқтисодӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Хулосаҳои алоҳидаи илмии диссертатсияро ҳангоми коркарди курсҳои таълимӣ оид ба иқтисоди меҳнат, демография, иқтисодиёти минтақавӣ, макроиқтисодиёт истифода бурдан мумкин аст.

Соҳаи тадқиқот. Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.05 –Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, муҷтамаъҳо (иқтисодиёти минтақавӣ), бандҳои 3.7 – Бозори маҳаллӣ, ташаккул амал кард ва ҳамкориҳо; тиҷорати байниминтақавӣ; 3.22. – Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва хусусияти идоракунии онҳо. Муносибатҳои иҷтимоӣ- меҳнатӣ дар минтақаҳо. Хусусиятҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ мутобикат дорад.

Тасвиби натиҷаҳои кор. Натиҷаҳои асосии кор дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии минтақавӣ ва байналмилалии зерин маърӯза шудаанд: Конференсияи байналмилалии «Рақобатпазирӣ ва

инкишофи низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ» (ш. Челябинск, ФР, апрели соли 2018); Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар шароитҳои нави инкишофи сиёсати ҷаҳонӣ» (Хуҷанд, маисоли 2016); Конференсияи байналхалқӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Сиёсати давлатии ҷавонон дар мамлакатҳои ИДМ: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе-2013); Конференсияи илмию амалии ДДҲБСТ бахшида ба Соли байналхалқии ҳамкорӣ дар соҳаи об «Геосиёсати инноватсионии захираҳои стратегӣ: масоил ва дурнамо» (Хуҷанд, апрели соли 2013).

Интишорот. Муқаррароти асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 14 нашрия бо ҳаҷми умумии 7 ҷ.ч., аз ҷумла дар 9 мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин КОА Вазорати маориф ва илми ФР чоп шудааст, инъикос гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, феҳристи маохиз иборат аст. Кор 150 саҳифа матни мошиннавис, 15 ҷадвал ва 2 расмро дар бар мегирад.

II. МУНДАРИҶАИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок гардидааст, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯи тадқиқ муайян шудааст, мақсаду вазифаҳо ифода шудаанд, объекту предмети тадқиқ, навгонии илмию соҳаи татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявии инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар иқтисодиёти бозорӣ»–консепсияҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ, ки ба масоили муҳоҷирати беруна ва бозори меҳнат бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, самтҳои таъсири муҳоҷирати берунии меҳнатӣ ба ҳолати бозори меҳнат дар минтақаҳои дорои захираи баризофаи меҳнатӣ ошкор карда шудаанд.

Иштиғоли захираҳои меҳнатӣ гарави таъмини даромади устувори ҳар фард мебошад, ки дар ҳамаи микро-, макро- ва мезосатҳҳо аҳамияти калон касб мекунад. Дар ин қарина имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ ба мундариҷаи бозори меҳнатӣ дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон таъсир мерасонад. Консепсияҳое, ки ба омӯзиши сабабҳо ва самтҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити халалдор гаштани таносуби иқтисодии глобалӣ равона шудаанд, диққати махсусро талаб мекунанд. Чунин вазъият бо инкишофи нобаробари иқтисодии минтақаҳои алоҳида нисбат ба ҳамдигар алоқаманданд. Чунин номутаносибӣ ё нобаробарӣ сабаби асосӣ мебошад, ки меҳнаткашонро на танҳо водор месозад дар ҷустуҷӯи музд байни минтақаҳои дорои қувваи меҳнатӣ ҷой иваз кунанд, балки катализатори ҳаракати дигар омилҳои истеҳсолот дар ҷаҳон низ мегарданд.

Баризофагии қувваи меҳнатии минтақаро, ки сабаби асосии муҳоҷират мебошад, ё сатҳи пасти талабот ба меҳнат ва ё сатҳи пасти музди кор муайян мекунад. Дар ин шароит муҳоҷирати меҳнатӣ механизме мегардад,

ки барои ба даст овардани мувозинат дар бозорҳои минтақавии меҳнат имкон медиҳад. Бо вуҷуди он, ки чанд даҳсола инҷониб масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст, то ҳол тасаввуроти умумӣ дар бораи он, ки таҳти мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ чиро фаҳмидан лозим аст, ташаккул наёфтааст. Дар асоси таҳлили таърифҳои сершумори муҳоҷирати меҳнатӣ мавқеи муаллиф доир ба таърифи муҳоҷирати меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст, ки вобаста ба он – ин соҳаи махсуси фаъолияти инсонӣ буда, барои нисбатан самаранок ва оқилона қонеъ намудани талаботи шахс бо роҳи ҷустуҷӯи кор берун аз минтақа ба амал бароварда мешавад.

Дар кор қайд карда шудааст, ки бозори минтақавии меҳнат дар худ аломатҳои хоси бозори умумидавлатии меҳнатро дар бар мегирад, вале бо вижагиҳои муайяни амалкарди низоми минтақавии хоҷагидорӣ, аз ҷумла маҳсусгардонии истеҳсолот, соҳаҳои омодасозии коргарон, шароити бунёди ҷойҳои нави корӣ, хусусиятҳои худиштиғоли захираҳои меҳнатӣ дар минтақа фарқ мекунад.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло пешниҳод карда шудааст, ки таҳти истилоҳи бозори минтақавии меҳнат низоми ҳудудию маконӣ фаҳмида шавад, ки маҳдудаи маъмурию ҷуғрофӣ дорад ва дар доираи он муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ оид ба танзими иштиғоли аҳолӣ вобаста аз мушаххасоти ба ҳамин минтақа хоси таърихӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, этникӣ ва дигар вижагиҳо ташаккул меёбанд. Таърифи мазкур бо он фарқ мекунад, ки дар он бозори минтақавии меҳнат на чун қисми бозори ягонаи давлатии меҳнат, балки ба ҳайси низоми мустақили муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад, ки бо минтақаи муайян маҳдуд аст, вале дорои худкифоӣ ва хусусияти таърихан ба миён омадаи хоҷагидорӣ мебошад. Ҳамчунин, ба ташаккули талаботу пешниҳодоти меҳнат таҳти таъсири вижагиҳои хосаи номбаргардидаи минтақа диққати махсус дода мешавад.

Муҳоҷирати беруна дар минтақа чун ҳодисаи ҳосила аз ҳолати бозори меҳнат баррасӣ мегардад ва дар инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа инъикос меёбад. Мо муҳоҷирати меҳнатиро маҳз аз ҳамин лиҳоз бо назардошти хусусиятҳои ҳар минтақаи алоҳидаи дорои қувваи баризофаи меҳнатӣ ва масоили ба он хос баррасӣ мекунем.

Вобастагии иқтисодиёти минтақавӣ аз муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан дар бозори меҳнат инъикос меёбад, зеро принсипҳои тақсими ҷамъиятии меҳнат тағйир меёбанд, ҳамчунин фаъолнокии мутаҳаррикии захираҳои меҳнатӣ баҳри музди кор ва обрӯю эътибор ба амал меояд.

Зимнан афзоиши муҳоҷират на дар ҳамаи ҳолатҳо таъсири мусбат дорад. Низомбандии самтҳои таъсири муҳоҷират ба инкишофи минтақаҳо дар расми 1. оварда шудааст.



Расми 1. Самтҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба бозори минтақавии меҳнат.
Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Расм таъсири ихтилофноки муҳоҷиратро ба бозори минтақавии меҳнат намоиш медиҳад. Аз як тараф, афзоиши теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ боиси афзоиши талаботи умумӣ, ҳалли масъалаи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ мегардад. Аз дигар тараф, худи ҳамин равандҳо боиси бурунрафти мутахассисон, тахриби муносибатҳои оилавӣ, ҳамчунин таназзули арзишҳои миллию фарҳангӣ, вобастагии минтақа аз даромади меҳнатии муҳоҷирон мегардад.

Аз як ҷиҳат, возеҳ аст, ки муҳоҷирати беруна ба баланд бардоштани касбияти коргар мусоидат мекунад, ки ба иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонии талабот ба қувваи корӣ ба бозори меҳнат таъсири равшани мусбат дорад. Аз ҷиҳати дигар, бурунрафти кадрҳои баландихтисос боиси суст шудани афзоиши иқтисодӣ дар асоси зуҳури номутаносибӣ дар бозори минтақавии меҳнат, яъне нарасидани мутахассисон бовучуди баризофагии қувваи корӣ мегардад.

Дар боби дувум – «Хусусиятҳои инкишофи бозори минтақавии меҳнат ва муҳоҷирати аҳолӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон» - сохтор ва хусусиятҳои инкишофи бозори меҳнат дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифтааст; қонуниятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ҷудо карда шудаанд; омилҳое, ки ба ҳолати бозори минтақавии меҳнат таъсир мерасонанд, ба

риштаи тадқиқ кашида шудаанд; амсилаи таъсири муҳоҷират ба бозори минтақавии меҳнат коркард шудааст.

Бозори минтақавии меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагии худро дорад, ки бо миқдори зиёди қувваи корӣ ва талаботи нисбатан паст ба ин қувваи корӣ алоқамандаст. Ба ибораи дигар, хусусияти асосии бозори меҳнати минтақа баризофагии қувваи меҳнатӣ мебошад, ки вижагии ташаккул ва тақсими захираҳои меҳнатиро муайян мекунад.

Сабаби асосии баризофагии қувваи меҳнатии минтақа омили демографӣ аст, ки дар ҷадвали 1. нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.—Динамикаи таваллуд, фавт ва афзоиши аҳолӣ дар вилояти Суғд

Нишондиҳанда	Воҳиди андозагирӣ	Солҳо					
		2000	2005	2010	2015	2016	2017
Таваллуд	ҳаз.наф.	47,3	46,7	63,5	68,9	63,1	61,8
	ба % нисбат ба марҳ. пешина	-	98,7	135,9	108,5	91,6	97,9
Фавт	ҳаз.наф.	11,1	10,8	11,1	11,2	11,1	11,0
	ба % нисбат ба марҳ. пешина	-	97,3	102,8	100,9	99,1	99,1
Афзоиши табиии аҳолӣ	ҳаз.наф.	36,2	35,9	52,4	57,7	52,0	50,8
	ба % нисбат ба марҳ. пешина	-	99,2	145,9	110,1	90,1	97,7

Муаллиф тартиб додааст аз рӯи маълумоти: Солномаи омории вилояти Суғд (Маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд, 2018. – С.28-30. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд– 2008. –С.20-30.

Чи тавре ки маълумоти ҷадвал шаҳодат медиҳад сатҳи таваллуд дар давраи мавриди таҳқиқ умуман тамоюли афзоиш дорад: агар соли 2000 – 47,3 ҳазор нафар бошад, соли 2010- 63,5 ҳазор нафар ва соли 2017 - 61,8 ҳазор нафар шудааст. Нишондиҳандаи фавт дар минтақа дар тамоми давраи мавриди баррасӣ ба ҳисоби миёна 11,1 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Ҳамин тариқ, сатҳи таваллуд дар минтақа назар ба сатҳи фавт 4-5 баробар зиёд аст. Маълумоти ҷадвал ҳамчунин дар бораи афзоиши табиии аҳолӣ шаҳодат медиҳад: соли 2000 ин нишондиҳанда 36,2 ҳазор нафар, солҳои 2010 ва 2017 мутаносибан 52,7 ва 50,8 ҳазор нафарро ташкил кард. Барои дар оянда ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб кардани захираҳои меҳнатии мазкур ҳар сол камаш 45-50 ҳазор ҷои корӣ бунёд кардан лозим аст.

Лозим ба таъкид аст, ки имрӯз аҳолии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд ба муҳоҷирати меҳнатӣ на барои он меравад, ки дар мамлакат кор нест, балки бештар барои он меравад, ки сатҳи музди кор дар ҷумҳурӣ нисбат ба музди меҳнат дар давлатҳое, ки аз рӯи анъана муҳоҷирони

меҳнатиро қабул мекунанд, пасттар мебошад. Тафриқаи калони музди кор аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт сабаби номутаносибии сохторӣ дар пешниҳодот дар бозори меҳнат мебошад.

Барои муқоисаи сатҳи музди кор дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд маълумоти ҷадвали 2-юмро меорем.

Ҷадвали 2.—Музди кори пулии миёнаи ҳармоҳаи коргарону хизматчиён аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд

Нишондиҳанда	Вохиди андозагирӣ	Солҳо					
		2012	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**
Умуман аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ	сомонӣ	**2012**	552,82	645,72	696,80	774,23	1012,87
	доллари ИМА	429,53	116,1	118,5	111,3	99,3	115,1
Саноат (истихроҷ-кунанда)	сомонӣ	90,4	1536,94	1628,34	1879,41	2169,78	2477,12
	доллари ИМА	1409,14	322,9	298,8	300,2	278,2	281,5
Кишоварзӣ	сомонӣ	296,7	225,40	244,59	242,17	274,94	531,85
	доллари ИМА	171,29	47,4	44,9	38,7	35,2	60,4
Нақлиёт	сомонӣ	36,1	859,44	997,69	1026,76	1145,75	1367,86
	доллари ИМА	742,0	182,8	183,1	164,0	146,9	155,4
Сохтмон	сомонӣ	156,2	1347,8	1859,0	1899,0	1766,8	1442,2
	доллари ИМА	168,3	283,1	341,1	303,3	226,5	163,9

Муаллиф тартиб додааст аз рӯи маълумоти: Солномаи омории вилояти Суғд (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. – 100 с.

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2. бармеояд сатҳи музди меҳнати пулӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, махсусан дар кишоварзӣ назаррас паст аст. Сатҳи аз ҳама баланди музди меҳнат дар соҳаи саноат аст. Хурсандиовар аст, ки дар давраи мавриди таҳлил сатҳи умумии музди кор аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тамоюл ба афзоиш дорад. Умуман, соли 2017 нисбат ба соли 2011 ин нишондиҳанда 3,1 баробар зиёд шудааст. Вале сатҳи музди кор дар минтақа ҳам дар муодили долларӣ ва ҳам дар таносуби қобилияти харидорӣ хеле паст боқӣ мемонад. Воқеияти объективӣ дар он зуҳур мекунад, ки бо вуҷуди сатҳи аз ҳама баланди музди кор дар соҳаи саноати коркард, ки 281,5 доллар дар як моҳ аст, оилаи дилхоҳи тоҷик барои зиндагии худ шароити мӯътадилро фароҳам оварда наметавонад.

Умуман гирем, бозори минтақавии меҳнати вилояти Суғд дар вазъияти бағоят бӯҳронӣ қарор дорад, ки сабабаш номутаносибӣ дар сохтори талаботу пешниҳодот мебошад. Дар ин шароит муҳоҷирати меҳнатӣ роҳи ягонаи коҳиши сарбории бозори минтақавии меҳнат мебошад. Муҳоҷират

масъалаи баризофагии захираҳои меҳнатиро ҳал мекунад ва манбаи доимии воридшавии асъор ба худи иқтисодиёт мебошад.

Ба назари мо, таъсири аз ҳама зиёдро дар байни омилҳо ба бозори минтақавии меҳнат ва инкишофи равандҳои муҳоҷиратӣ дар вилояти Суғд вазъи фаъолнокии иқтисодӣ мерасонад, зеро он бевосита дар афзоиши иштиғоли аҳолӣ инъикос меёбад (ҷадвали 3.).

Ҷадвали 3.—Таносуби пешниҳодот ва талабот ба захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	Воҳиди андозагирӣ	Солҳо					
		2012	2013	2014	2015	2016	2017
Захираҳои меҳнатӣ	ҳаз.наф.	1434,8	1464,0	1491,6	1521,4	1569,5	1598,7
	ба % нисбат ба марҳ. пешина	-	103,9	101,9	102,0	103,1	101,8
Иштиғоли аҳолӣ	ҳаз.наф.	774,5	791,5	804,8	798,7	802,0	797,5
	ба % нисбат ба марҳ. пешина	-	102,2	101,7	99,2	100,4	99,4
Талаботи дархостии корхонаҳо ба коргарон	нафар	3614	3113	2728	2220	2019	2407
Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, дар ҳадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд	нафар	15758	16584	17133	17094	15509	12681
Шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд	нафар	4,4	5,3	6,3	7,7	7,6	5,3

Муаллиф тартиб додааст аз рӯи маълумоти: Солномаи омори вилояти Суғд (Маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. С. 71-80.

Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ тавре ки возеҳан аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, афзоиши тадриҷии баризофагии захираҳои меҳнатӣ хос аст. Дар панҷ соли охир теъдоди захираҳои меҳнатӣ нисбат ба теъдоди аҳолии ба кор машғул 2-3 баробар тезтар зиёд шудааст. Дар ҳоле ки, талаботи корхонаҳо ба коргарон динамикаи ноустувор дорад ва дар ҳамин давра 20,5% коҳиш ёфтааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳар сол бештар аз нисфи аҳолии ба сини қобили меҳнат расанда, имкони дар ҳудуди вилояти Суғд ёфтани корро надорад ва эҳтимолан ба пулкоркунӣ ба хориҷа меравад.

Барои арзёбии миқдории сатҳи коҳиши ташаннуҷ дар бозори минтақавии меҳнат ба туфайли муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ коэффисиенти ҷуброни (талофии) муҳоҷиратиро дар ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мекунем (ҷадвали 4.). Усули ҳисоби коэффисиенти

мазкур аз тарафи олимон-иктисоддонҳои рус пешбинӣ шудааст[4] ва он таносуби афзоиши (бурунрафти) муҳоҷиратии аҳолиро ба афзоиши табиии (бурунрафти) аҳолӣ мутаносибан ба ноҳияҳо нишон медиҳад.

Ҷадвали 4.—Коэффисиенти ҷуброни муҳоҷиратӣ барои ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ноҳияҳои вилояти Суғд	Соли 2015			Соли 2016			Соли 2017		
	Афзоиши табиии аҳолӣ, нафар	Афзоиши муҳоҷиратӣ, нафар	Коэф. ҷуброни муҳоҷиратӣ	Афзоиши табиии аҳолӣ, нафар	Афзоиши муҳоҷиратӣ, нафар	Коэф. ҷуброни муҳоҷиратӣ	Афзоиши табиии аҳолӣ, нафар	Афзоиши муҳоҷиратӣ, нафар	Коэф. ҷуброни муҳоҷиратӣ
Ашт	3995	-10872	-2,7	3283	-8119	-2,5	3373	-8096	-2,4
Айнӣ	1849	-2727	-1,5	1691	-3051	-1,8	1670	-2866	-1,7
Б.Ғафуров	8039	-14419	-1,8	6613	-15683	-2,4	6723	-15522	-2,3
Деваштич	4141	-10094	-2,4	3727	-10759	-2,9	3749	-10540	-2,8
Зафаробод	1621	-3541	-2,2	1521	-4321	-2,8	1516	-3982	-2,6
ш. Истиқлол	260	-636	-2,4	213	-1363	-6,4	201	-1415	-7,0
Истаравшан	6123	-10558	-1,7	5565	-11168	-2,0	5384	-10965	-2,3
Исфара	5322	-13451	-2,5	4889	-14718	-3,0	4779	-14779	-3,1
Конибодом	3859	-16521	-4,3	3299	-15581	-4,7	3278	-16171	-4,9
Кӯҳистони Мастчоҳ	566	-40	-0,07	606	-45	-0,07	545	-35	-0,6
ш. Гулистон	902	-1760	-1,9	771	-2870	-3,7	716	-2525	-3,5
Мастчоҳ	3337	-4271	-1,3	3233	-4336	-1,3	3138	-4024	-1,3
Панҷикент	6941	-11496	-1,6	6306	-11128	-1,8	6423	-10788	-1,7
Спитамен	3074	-10443	-3,4	2793	-9885	-3,5	2578	-9745	-3,8
ш. Хуҷанд	3149	-8996	-2,8	3097	-11457	-3,7	2785	-10401	-3,7
Шаҳристон	1055	-888	-0,8	979	-1482	-1,5	1037	-1320	-1,3
Ҷ. Расулов	2869	-11014	-3,8	2773	-9232	-3,3	2413	-9340	-3,9
ш. Бӯстон	613	-1428	-2,3	665	-1983	-3,0	478	-1875	-3,9
Ҳамагӣ дар вилоят	57715	-133155	-2,3	52024	-137181	-2,6	50832	-134389	-2,6

Аз рӯи маълумоти зерин муаллиф ҳисобу китоб кардааст: Солномаи омории вилояти Суғд (Маҷмӯа иоморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2018. – 360 с.

Муҳоҷирати меҳнатӣ қариб дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Суғд азафзоиши табиии аҳолӣ бештар аст. Дар шаҳри Истиқлол бошад, он ба миқёсе расидааст, ки хавфи бурунрафти пурраи аҳолӣ ва бе одам мондани шаҳр ба миён омадааст. Сабаби чунин вазъият дар он аст, ки дар ин ноҳия ёфтани шароити қобили қабули меҳнат хеле душвор аст ва ба аҳолӣ ба берун аз ҳудуди мамлакат барои пулкоркунӣ рафтан осонтар мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ки сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ нисбат ба афзоиши табиии аҳолӣ хеле паст аст, нисбатан устувор мебошад.

[4] Воробьёва Д.О., Топилин В.А. Многоликая миграция. [Под общ.ред. О.Д. Воробьевой, А.В. Топилина]. – М.: Экон-информ, 2014. – С. 106.

Ба мақсади таҳлили нисбатан пурраи равандҳои муҳоҷиратӣ дар минтақа мо амсилаи иқтисодию математикиро таҳия намудем, ки ба пешгӯии динамикаи муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста аз сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа имконият медиҳад.

Марбутан ба коркарди амсилаи регрессивӣ дар асоси бисёромилӣ ба сифати аломати самарабахш шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ (у), ба сифати омилӣ бошад афзоиши табиии аҳолии минтақа (x_1), теъдоди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ (x_2), теъдоди хатмкунандагони муассисаҳои касбии миёна (x_3), талаботи дархостии корхонаҳои минтақа ба коргарон ($\mathbf{x}_4$), теъдоди аҳолии берун аз хатти қашшоқии минтақа (x_5), ҳамчунин теъдоди бекорони расмии минтақа (x_6) интихоб шудаанд. Давраи мавриди тадқиқ фосилаи аз оғози истиқлолияти Тоҷикистон то имрӯзро фаро мегирад.

Тавассути ҳисобукитоб бо истифодаи барномаҳои махсус сатҳи таъсири аломатҳои омилӣ ба нишондиҳандаи самарабахш дар давраи ҷории инкишофи вилояти Суғди ҶТ ошкор карда шудааст, ки дар муодилаи зерин инъикос меёбад:

$$\mathbf{У = -271,04 + 0,0028\ X_1 + 0,03778\ X_2 - 0,01\ X_3 + 0,02\ X_4 + 0,09\ X_5 - 0,22\ X_6}$$

Қиматҳои коэффисиентҳои аломатҳои омилиро муқоиса намуда, мо метавонем сатҳи таъсири аз ҳама зиёди аломатҳои омилиро ба шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ошкор созем. Дар амсилаи мазкур ба ин ҳайс шумораи аҳолии берун аз хатти қашшоқӣ ва теъдоди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ баромад мекунанд.

Робита байни аломати самарабахш ва маҷмӯи аломатҳои омилӣ дар амсилаи мазкур, чи тавре, ки ҳисобу китобҳо нишон медиҳанд, зич аст, яъне коэффисиенти коррелятсия ба 0,9355 баробар аст. Айни замон, вариатсияи аломати самарабахш, ки бо коффисиенти детерминатсия ҳисоб мешавад, ба 87,51% баробар аст, ки аз ҳисоби омилҳои дар ин ҷо баррасӣ гардида шарҳу тавзеҳ карда мешавад. Арзёбии мӯътамадии амсилаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки онҳо ба вазъи воқеӣ наздиктаранд. Ба муодила қиматҳои пешгӯишавандаи нишондиҳандаҳои омилҳоро ворид сохта, бузургиҳои матлуби шумораи муҳоҷирати меҳнатии аҳолиро дар соли муайяни оянда ба даст овардан мумкин аст.

Дар боби севум – **«Самтҳои афзалиятноки танзими бозори минтақавии меҳнат ва равандҳои муҳоҷиратии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - самтхои такмили олот ва механизмҳои сиёсати иштиғол бо назардошти вижагии минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин таҷдиди ҷанбаҳои институтсионалии танзими муҳоҷирати беруна ба бозори меҳнат дар минтақа тадбирҳо тадқиқ карда шудаанд.

Имрӯз дар ҳар минтақа коркарди сиёсати самарабахши иштиғол боназардошти муҳоҷирати аҳолӣ барои ҳалли масъалаи бекорӣ ва афзоиши сатҳи иштиғол беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо бекорони алоҳида ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат мекунанд ва на ҳамаи муроҷиаткунандагон дар ниҳоят соҳиби кор мешаванд. Агар ҳанӯз соли 2007 дар хадамоти шуғли аҳолии вилояти Суғд ба сифати бекор 36,4 ҳазор нафар номнавис шуда бошанд, худи ҳамон сол ҳамагӣ 13,0 ҳазор нафар, яъне 35,7% муроҷиат кардагон соҳиби кор гардиданд. Зимнан шумораи муроҷиаткунандагон сол аз сол ба афзоиш тамоюл дорад. Афзоиши захираҳои меҳнатӣ соли 2017 29,2 ҳазор нафарро ташкил кард.[5] Таносуби маълумоти мазкур дар бораи сатҳи хеле пасти ҷойҳои нави кори бунёдшаванда шаҳодат медиҳад.

Лозим ба таъкид медонем, ки барномаҳои амалкунандаи давлатии инкишофи бозори меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи иштиғоли аҳолӣ боз як камбудии назаррас доранд: ҳамаи онҳо аз вазъияти муҳоҷират дар минтақа дуранд.

Мураккабии масъала дар он аст, ки давлати алоҳида, чи қадаре ки он ба интихоби варианти мусоиди танзими маҷроҳои муҳоҷиратии худ манфиатдор набошад, мустақилона сиёсати муҳоҷиратии худро ба таври пурра амалӣ гардонида наметавонад. Раванди танзими муҳоҷират зарурати фаъолияти назарраси ду субъект–давлате, ки муҳоҷиронро равона месозад ва давлатеро, ки муҳоҷиронро кабул мекунад, пешбинӣ менамояд.

Бо назардошти аҳамияти танзими бозори минтақавии меҳнат тарзҳои мухталифи ҳалли ин масъала пешниҳод карда мешавад, ки ба шароит ва хусусиятҳои хоси минтақаҳои алоҳида асос меёбанд:

- маъмурӣ– ба ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида мешаванд;
- иқтисодӣ– самтҳои асосии сиёсати иқтисодиро дар соҳаи меҳнат (буҷетӣ, пулию қарзӣ, андозӣ) дар бар мегиранд;
- ташкилӣ– коркард ва амалигардонии барномаҳои ҳадафмандро дар бар мегиранд, ки ба танзими бозори меҳнат нигаронида шудаанд;
- қонунгузорӣ– бунёди асосҳои қонунгузориро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ пешбинӣ менамоянд;
- иттилоотӣ– ба огоҳ сохтани бекорон ва корфармоён дар бораи имкониятҳои мавчуда нигаронида шудаанд.[6]

Дар ин самт дастгирӣ ва инкишофи бахши соҳибкорӣ бунёди ҷойҳои нави кориро дар Тоҷикистон таъмин мекунад, ки он имкон медиҳад талабот ба қувваи корӣ ҳам дар вилояти Суғд ва ҳам дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ баланд бардошта, зарурати ҷустуҷӯи пул коркунӣ дар дигар давлатҳо кам карда шавад, яъне то андозае маҷрои берунии муҳоҷират ихтисор гардад. Умуман, механизми танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ бояд як низоми ягонаи маҷмӯъро ташкил кунад.

---

[5] Солномаи омори вилояти Суғд(Маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд, 2018. –С.71.

[6]Ниг. Горбачева Г.П. Государственный механизм регулирования рынка труда / Экономика и современный менеджмент: теория и практика. – 2013. - №27. – С.84-32.

Муҷтамаият тамоми тадбирҳои таъсири давлатиро ба бозори дохилии меҳнат ва ба муҳофизати меҳнатӣ дар вилояти Суғд пешбинӣ мекунад. Ба қатори онҳо дохил мешаванд:

1. Дар соҳаи сиёсати сохторӣ: бунёди ҷойҳои корӣ бо назардошти талабот ба онҳо ва манфиатнокии онҳо;

2. Дар соҳаи маориф: афзоиши теъдоди квотаҳо аз рӯи ихтисосҳо, ки дар инкишофи иқтисодиёт аҳамият доранд.

3. Дар соҳаи буҷету андоз: пешниҳоди имтиёзҳои нави андозӣ барои муассисаҳои тасилоти олӣ, ки квотаҳоро барои таҳсил аз ҳисоби буҷети худ ҷудо мекунанд; бознигарии қонунгузории андоз бо мақсади кам кардани гаронии андоз ба корхонаҳои хурд;

4. Дар қисми танзими маҷрои муҳофизат: ташкили маслиҳату машварат дар бораи хуҷҷатнигорӣ ва шартҳои будубош дар давлати хориҷӣ (дар шакли семинару тренингҳо); сохтани портали иттилоотӣ барои муҳофизирони меҳнатӣ; ташкил кардани хадамоти машваратии онлайн.

Амалӣ гардонидани тадбирҳои мазкур, ба назари мо, ба ҳалли ҳамаи масоили марбут ба танзими бозори минтақавии меҳнат мусоидат мекунад ва ба масъалаи оптимизатсияи фаъолияти равандҳои муҳофизатӣ дар минтақа дар оянда саҳми назаррас ворид месозад.

III. ХУЛОСАЮ ПЕШНИҲОДҲО

Гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллиф имкон дод, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои зеринро баён намояд:

1. Масъалаи баризофагии кувваи меҳнатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат бояд аз қаринаи умумӣ дар доираи бозори умумидавлатии меҳнат ҷудо карда шавад, зеро ҳар воҳиди ҳудудию маъмурӣ вижагӣ ва масоили хоси худро дорад, ки аз умумидавлатӣ фарқ мекунанд. Ҳарчанд тамоюлу динамикаи умумӣ боқӣ мемонад, барои тадқиқи минтақа муносибати махсус талаб карда мешавад, ки бо чунин омилҳо, аз қабили вазъи демографӣ дар минтақа, вижагиҳои истеҳсолоти минтақавӣ, сатҳи қашшоқӣ, тарзи анъанавии ҳаёт ва ғайра муайян карда мешаванд.

2. Барои тавсифи минтақа мансубияти он ба минтақаҳои дорои кувваи баризофаи меҳнатӣ ё дорои норасоии кувваи меҳнатӣ аҳамияти калон дорад. Категорияҳои мазкур баризофагии кувваи меҳнатии минтақа, яъне дараҷаи таҷаммӯи захираҳои меҳнатиро дар иқтисодиёти минтақа вобаста аз сатҳу тарзҳои инкишофи иқтисодиёт, шаклҳои хоҷагидорӣ ва сохтори соҳавии иқтисодиёт тавсиф мекунанд.

3. Ба минтақаи вилояти Суғд хусусиятҳои равшани баризофагии кувваи меҳнатӣ хос аст. Зимнан бахши асосие, ки иштиғоли аҳолиро таъмин мекунад, соҳаи кишоварзӣ мебошад. Тамоюли ташкили ҷойҳои зарурии корӣ дар минтақа дар ҳоле карор дорад, ки дар ояндаи наздик таъмини сатҳи қобили қабули иштиғоли аҳолӣ имконнопазир менамояд, зеро бахши ба таври динамикӣ инкишофёбандаи хизматрасонӣ барои ҷалби чунин ҳаҷми кувваи корӣ захираҳои зарурӣ надорад. Бинобар ин, масъалаи танзими муҳофизати меҳнатӣ дар ояндаи наздик боқӣ мемонад.

4. Муҳоҷирати меҳнатӣ чун шакли иштиғоли аҳолӣ ба ташаккули даромад ва бо назардошти тамоюли ҳудудӣ ба истеъмол, пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ ва тавассути онҳо ба иқтидори сармоягузорӣ ба иқтисодиёт таъсири калон мерасонад. Бинобар ин, муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо раванди алоҳида нест, ки ба он масъалаҳои муайян хосанд. Дар вилояти Суғд муҳоҷирати меҳнатӣ чун «бахши» алоҳидаи иқтисодиёт ташаккул ёфтааст.

5. Ғайр аз ин, муҳоҷирати меҳнатӣ ба сохтори қувваи кории минтақа таъсири муайяни ташаккулӣ мерасонад, ки оқибатҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбат дорад. Аз ҷумла, ҳарчанд баланд шудани сифати кисми аз ҳама пастихтисоси қувваи корӣ мушоҳида мешавад, айни замон мутахассисони аз ҳама баландихтисос бозори меҳнати ватаниро тарк мекунанд ва аз ин ҳисоб «миёнашавии» сифати қувваи корӣ дар минтақа ба амал меояд. Ҳамчунин қайд кардан лозим аст, ки аз бисёр ҷиҳат пешниҳодоти меҳнат дар минтақа таҳти таъсири талабот ба бозорҳои хориҷӣ аз рӯи усули бақия ташаккул меёбад (он касоне, ки хизматҳояшонро ба хориҷа пешниҳод карда натавонистанд ё нахостанд, дар ватан пешниҳод мекунанд).

6. Сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар вилояти Суғд ғайр аз нарасидани ҷойҳои корӣ мизони пасти музди кор, номутаносибии ихтисоси (маълумоти) ба дастоварда бо талаботи бозори дохилӣ мебошад. Ин омилҳо хусусиятҳои муҳоҷирати қувваи кории баландихтисосро муайян мекунанд. Зимнан қисми зиёди онҳоро мутахассисони соҳаи техникӣ ва тиб, ҳамчунин кадрҳои илмӣ ташкил мекунанд. Бурунрафти чунин мутахассисон ба манфиатҳои иқтисодии мо ихтилоф дорад, бинобар ин он бояд ба яке аз объектҳои танзим табдил ёбад.

7. Таҳлили сиёсати амалкунандаи иштиғол ва сиёсати муҳоҷиратӣ нишон дод, ки ҳангоми амалигардонии онҳо баъзе масъалаҳое ба миён меоянд, ки норасоиҳои муайяни тадбирҳои андешидашавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла, ошкор карда шуд, ки тадбирҳои дар доираи сиёсати муҳоҷират андешидашаванда алҳол амалан бо сиёсати давлатӣ оид ба танзими иштиғол ҳамоҳанг карда намешаванд. Ҳамчунин, баъзе аз тарзҳои афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ самарабахш нестанд ва дар баъзе мавридҳо рақобатпазир ҳам нестанд.

8. Коркарди барномаи маҷмӯии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ зарур аст, ки бо сиёсати демографӣ ва сиёсати иштиғол алоқамандии дутарафа дошта бошад. Чунин барнома бояд оқибатҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбати муҳоҷирати қувваи кориро ба назар гирифта, ҳатталимкон ҷиҳатҳои манфиро заиф ва ҷиҳатҳои мусбатро таквият диҳад.

9. Сиёсати муҳоҷиратиро чун шакли иштиғоли сиёсӣ, сегменти бозори хориҷии меҳнатро, ки муҳоҷирони меҳнатии ватанӣ ишғол мекунанд, чун бозори худии меҳнат бо назардошти махсусгардонии байналмилалии он баррасӣ кардан лозим аст. Зимнан танзим на танҳо аз ҳисоби мушаххасоти миқдорӣ (квотадиҳӣ), балки аз ҳисоби мушаххасоти сифатӣ (ихтисосмандии коргарон) амалӣ мегардад.

10. Бо назардошти тамоюлҳои демографии минтақа, ҳамчунин хусусиятҳои инкишофи бозори меҳнати мамлакати асосан муҳоҷирони

меҳнатии моро кабулкунанда – Федератсияи Русия ба хулосае омадан мумкин аст, ки баъди фосилаи муайяни вақт бозори русиягӣ ҳамаи муҳоҷирони меҳнатии моро қабул карда наметавонад, ки боиси тақсим шудани маҷрои муҳоҷират ва ҷустуҷӯи бозорҳои нави меҳнат барои коргарони ватанӣ мегардад. Бо ин мақсад, пеш аз ҳама пояи меъёрии ҳуқуқӣ бунёд кардан лозим аст, ки ба созишномаҳои дутарафаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатии моро кабул карда метавонанд, асос ёбад.

11. Барои ҳалли масъалаи афзоиши шумораи аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ҳангоми суръати нисбатан пасти афзоиши теъдоди ҷойҳои корӣ зарур аст:

- коркарди барномаҳои дахлдор барои такмили танзими афзоиши иштиғоли аҳолӣ;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ барои ҳавасмандгардонии иштиғол ва раванди муҳоҷирати қувваи корӣ;
- ба вуҷуд овардани шароити инкишофи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақавӣ, ки ба баланд бардоштани иштиғоли аҳолӣ мусоидат мекунанд.

12. Ҳангоми ташаккули механизми танзими муҳоҷират низоми иттилоотонӣ аҳамияти калон дорад, ки ҳамзамон ду вазифаро иҷро мекунад:

- ба муҳоҷирони эҳтимолии меҳнатӣ имкон медиҳад дар бораи дурнамо ва масоили эҳтимолие, ки дар раванди меҳнат дар хориҷа дучори онҳо мегарданд, иттилоъ ба даст орад;
- муҳоҷирони меҳнатиро барои ба даст овардани малакаю тахассусҳои зарурӣ ҳавасманд мегардонад.

13. Бо назардошти теъдоди қувваи корӣ беихтисос дар вилояти Суғди Тоҷикистон бояд тадбирҳо оид ба таъмини аҳолӣ ба таҳсилоти махсус амалӣ гардонида шаванд, зеро қувваи корӣ ихтисосманд ҳам барои иқтисодиёти ватанӣ ва ҳам барои корфармоёни хориҷӣ ҷаззоб аст. Азхуд кардан ё такмили ихтисос ба зиёдшавии музди кор, ва баробари ин некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад, афзоиши ҳам масрфҳои истеъмолӣ ва ҳам сармоягузориро ҳавасманд мегардонад. Бо назардошти он ки ҳини истеҳсолот дар минтақа қисми зиёди захираҳо мавриди истифода қарор нагирифтаанд, яъне пешниҳоди умумӣ аз эҳтимолӣ пасттар аст, хавасмандгардонии талаботи умумӣ метавонад ба зиёдшавии суръати афзоиши иқтисодӣ таконе гардад.

14. Ба сиёсати минтақавии иштиғол баъзе тағйирот даровардан лозим аст:

- ҳангоми ташкили ҷойҳои нави корӣ ба назар гирифтани талабот;
- ба вуҷуд овардани шароит барои аз ҷониби аҳолӣ азхуд карданиихтисосҳои ба иқтисодиёти минтақаи мо аз ҳама зарурӣ, аз ҷумла баланд бардоштани ҳавасмандӣ тавассути тарғиботу ташвиқот;
- паст кардани гаронии бори андоз ва додани имтиёзҳо ба корхонаҳое, ки ба баланд бардоштани сифати кувваи корӣ маблағгузорӣ мекунанд;

- таъмин намудани шароит барои иттилоонии шаҳрвандон дар бораи хусусиятҳои меҳнат дар дигар давлатҳо бо истифодаи усулҳои муосири коммуникатсия, аз ҷумла тавассути Интернет.

IV. РЎЙХАТИ КОРҲОИ АЗ РЎИ МАВЗЎИ ДИССЕРТАТСИЯ НАШРШУДА (бо забони аслӣ)

а) интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ, инчунин КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсия шудаанд:

1. Абдуллоева А.Т. Проблемы функционирования региональных рынков труда в условиях трансформационной экономики // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. №3 (76). —Хуҷанд, 2018.—С. 45-55.(0,7 ҷ.ч.).

2. Абдуллоева А.Т. Механизмы государственного управления рынком труда и миграцией населения в условиях рыночной экономики // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон №3(72). — Хуҷанд, 2017. —С. 25-35. (0,9 ҷ.ч.).

3. Абдуллоева А.Т. Особенности формирования рынка труда в трансформационной экономике // Экономика и предпринимательства № 5/1.— Москва, 2016. – С.160-164. (0,6 ҷ.ч.).

4. Абдуллаева А.Т. Концептуальные подходы к исследованию рынка труда // Ахбори Донишгоҳи Славянӣ №4.– Душанбе, 2015.–С.70-72. (0,6 ҷ.ч.).

5. Абдуллоева А.Т., Тошматова М.Д. Воздействие миграционной политики на процесс регулирования рынка труда в Республике Таджикистан // Кишоварз №3 (67). – Душанбе, 2015. – С.70-72 (0,6 ҷ.ч.).

6. Абдуллоева А.Т. Основные направления совершенствования миграционной политики Республики Таджикистан // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 2/9 (190) . – Душанбе , 2015. – С. 313-316. (0,6 ҷ.ч.).

7. Абдуллоева А.Т. Трудовая миграция как фактор социальной стабильности в Республике Таджикистан // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон №2 (54). – Хуҷанд, 2013. – С. 99-103 (0,4 ҷ.ч.).

8. Абдуллоева А.Т., Шарифов Ш.Дж. Некоторые причины трудовой миграции сельского населения // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон № 3 (51). – Хуҷанд, 2012. – С.122-127(0,4 ҷ.ч.).

9. Орифов А.О., Абдуллоева А.Т. Финансовый кризис и её влияние на трудовую миграцию // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон № 2 (46). – Хуҷанд, 2011. – С 36- 41 (0,35 ҷ.ч.).

б) нашриёт дар дигар маҷаллаҳо:

10. Абдуллоева А.Т. Конкурентоспособность трудовых ресурсов в условиях трудоизбыточного региона // Конференсияи байналхалқӣ. Рақобатпазирӣ ва рушди системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: маҷмӯъи аннот. Конференсияи дуюми илмии Умумироссиягӣ бахшида ба ёдбуди акад. А. И. Татаркин, Россия, ш. Челябинск, 2018. — 96 с. (0,5 ҷ.ч.)

11. Абдуллоева А.Т. Механизмы государственного управления рынком труда и миграцией населения между Таджикистаном и Россией // Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ «Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити нави рушди сиёсати ҷаҳонӣ». ― Хуҷанд, 2016 с. (0,4 ҷ.ч.).

12. Абдуллоева А.Т. Приоритет миграционной политики Республики Таджикистан // Конференсияи байналхалқӣ бахшида ба рӯзи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Сиёсати давлатии ҷавонон дар давлатҳои ИДМ : ҳолат ва дурнамо». **–** Душанбе, 2013. – С. 362-366. (0,4 ҷ.ч.).

13. Орифов А.О., Абдуллоева А.Т. Миграционная политика Таджикистана: проблемы и задачи // Пули муҳоҷиратӣ байни Осиёи Марказӣ ва Россия: Нақши муҳоҷират дар модернизатсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакатҳои муҳоҷиратро содиркунанда ва қабулкунанда (Маводҳои симпозиуми сеюми байналхалқӣ). – Хуҷанд, 2011г. **–** С.409-411. (0,25 ҷ.ч.).

14. Орифов А.О., Блиничкина Н.Ю., Абдуллоева А.Т. Миграционная политика как механизм защиты национальных интересов // Пули муҳоҷиратӣ байни Осиёи Марказӣ ва Россия: Нақши муҳоҷират дар модернизатсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакатҳои муҳоҷиратро содиркунанда ва қабулкунанда (Маводҳои симпозиуми сеюми байналхалқӣ). – Хуҷанд, 2011г. С. 411-414. (0,3 п.л).

АННОТАЦИЯ

на диссертацию Абдуллаевой Адолатжон Толибджоновны на тему: «Трудовая миграция и её влияние на развитие регионального рынка труда (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)»

Ключевые слова: региональный рынок труда, трудовая миграция, занятость, безработица, миграционная политика, трудоизбыточность, региональная политика занятости

Целью диссертации является исследование влияния внешней трудовой миграции на развитие регионального рынка труда, а также разработка мер по совершенствованию его регулирования в экономике Согдийской области Республики Таджикистан.

Методологическую основу диссертации составляют системный и диалектический подходы. Для выполнения поставленных задач применялись такие методы, как сравнительный анализ, экономико-статистический анализ, научная абстракция, синтез.

В диссертации были обобщены теоретические подходы к регулированию занятости и миграции населения из трудоизбыточных регионов, на основе чего уточнено понятие регионального рынка труда. Кроме того, доказано, что внешняя миграция – индикатор насыщенности регионального рынка труда, что отражает взаимное их влияние, а также что региональный рынок труда в Согдийской области относится к трудоизбыточному региону, обладающему огромными свободными ресурсами рабочей силы, возникшими в результате сохранения определенной демографической ситуации, углубления дисбаланса между предложением и спросом на труд как последствие сохранения стагнации в ведущих отраслей экономики, низкого уровня трудовой мотивации и неразвитости предпринимательского сектора в регионе. Обоснованно, что внешняя трудовая миграция населения в Согдийской области является одним из доминирующих механизмом снижения напряженности безработицы в регионе. Разработана экономико-математическая модель, в которой обосновано, что позитивная динамика внешней трудовой миграции в Согдийской области более всего чувствительна к уровню бедности в регионе, а также числу выпускников вузов региона. Определены наиболее перспективные направления совершенствования мер по регулированию занятости и миграции на региональном рынке труда. В частности, выявлена необходимость внесения некоторых корректив в образовательную, бюджетно-налоговую, миграционную и информационную сферу.

Эти положения дают основание полагать, что данная диссертация обладает элементами научной новизны и представляет собой законченное исследование на актуальную тему.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Абдуллоева Адолатҷон Толибҷоновна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба инкишофи бозори минтақавии меҳнат (дар намунаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)»

Вожаҳои калидӣ: бозори минтақавии меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ, иштғол, бекорӣ, сиёсати муҳоҷират, баризофагии қувваи меҳнатӣ, сиёсати иштиғоли минтақавӣ

Мақсади диссертатсия тадқиқи таъсири муҳоҷирати меҳнатии беруна ба инкишофи бозори минтақавии меҳнат, ҳамчунин андешидани тадбирҳо оид ба такмили танзими он дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба асоси методологии тадқиқот муносибатҳои системавӣ ва диалектикӣ гузошта шудаанд. Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда усулҳои мухталиф, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодию оморӣ, абстраксияи илмӣ, синтез истифодашудааст.

Дар диссертатсия муносибатҳои назариявӣ ба танзими иштиғол ва муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои дорои қувваи баризофаи меҳнатӣ ҷамъбаст намуда, дар асоси он мафҳуми бозори минтақавии меҳнат аниқ карда шудааст. Ғайр аз ин исбот шудааст, ки муҳоҷирати берунӣ индикатори фаровонии бозори минтақавии меҳнат мебошад, ки таъсири мутақобилаи онҳоро инъикос мекунад. Ҳамчунин исбот шудааст, ки бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ба минтақаи дорои қувваи бариловаи меҳнатӣ мансуб буда, захираҳои азими озоди қувваи корӣ дорад, ки дар натиҷаи бе тағйир мондани вазъи муайяни демографӣ, амиқрафти номутаносибии пешниҳоду талабот ба меҳнат чун оқибати боқӣ мондани стагнатсияи соҳаҳои пешбари иқтисодиёт, сатҳи пасти ҳавасмандгардонии меҳнатӣ ва инкишоф наёфтани бахши соҳибкорӣ дар минтақа ба миён омадааст. Асоснок карда шудааст, ки муҳоҷирати меҳнатии берунаи аҳолӣ дар вилояти Суғд яке аз механизмҳои афзалиятдоштаи коҳиши ташаннуҷи бекорӣ дар минтақа мебошад. Тамсилаи иқтисодию математикӣ коркард шудааст, ки дар он он динамикаи мусбати муҳоҷирати меҳнатии беруна дар вилояти Суғд аз ҳама бештар ба сатҳи қашшоқӣ дар минтақа, ҳамчунин ба теъдоди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии минтақа ҳассос аст. Самтҳои аз ҳама ояндадори такмили тадбирҳо оид ба танзими иштиғол ва муҳоҷират дар бозори минтақавии меҳнат муайян карда шудаанд. Аз ҷумла зарурати ворид сохтани тасҳеҳот ба соҳаҳои маориф, буҷету андоз, муҳоҷират ва иттилоот ошкор карда шудааст.

Муқаррароти мазкур имкон медиҳанд чунин шуморем, ки диссертатсия дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, тадқиқоти ба охиррасида дар мавзӯи муҳим ба ҳисоб меравад.

ANNOTATION

on dissertation of Abdulloeva Adolatjon Tolibjonovna on theme: "Labor migration and its influence on the development of the regional labor market (on the example of the Sughd region of the Republic of Tajikistan)"

Keywords: regional labor market, labor migration, employment, unemployment, migration policy, labor surplus, regional employment policy

The thesis aims to study the influence of external labor migration on the development of the regional labor market, as well as to develop measures of improvement of its regulation in the economy of the Sughd region of the Republic of Tajikistan.

The methodological basis of the thesis consists of the systemic and dialectical approaches.The study used such methods as comparative analysis, economic and statistical analysis, scientific abstraction, synthesis.

The author summarized theoretical approaches to the regulation of employment and migration of people from labor-surplus regions, on the basis of which the concept of a regional labor market was clarified. In addition, it has been proven that external migration is an indicator of the saturation of the regional labor market, which reflects their mutual influence. Also it has been proven that the regional labor market in the Sughd region belongs to the labor-surplus region, which has enormous free labor resources resulting from the preservation of a certain demographic situation, deepening the imbalance between the supply and demand for labor as a consequence of the persistence of stagnation in the leading sectors of the economy, of the low level of labor motivation and of the underdeveloped business sector in the region.It is justified that external labor migration of the population in the Sughd region is one of the dominant mechanisms for reducing the tensity of unemployment in the region. Economic-mathematical model developed. It substantiates that the positive dynamics of external labor migration in the Sughd region is most sensitive to the level of poverty, as well as the number of university graduates in the region. The most promising areas for improving measures to regulate employment and migration in the regional labor market have been identified.In particular, the need to make some adjustments in the educational, fiscal, migration and information sphere was revealed.

These provisions suggest that this thesis has elements of scientific novelty and is a complete study on a relevant topic.